Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулхақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Мавриди тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи: «Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои солҳои 2017-2021», инчунин дар доираи лоиҳаи нав дар мавзуи: «Ҳуқуқи ҷиноятии муосири Тоҷикистон (қисми умумӣ) барои солҳои 2022-2026», омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзии таҳқиқоти диссертатсия.** Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазири манзил яке мавзуъҳои мубрами Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб мешавад. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ҳамчун ҳуқуқи асосии инсон мебошад, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дорои хусусияти универсалӣ ва минтақавӣ инъикос ва ифода ёфтааст. Чунончӣ, дар моддаи 12-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар оварда шудааст, ки ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона суиқасд кардан мумкин нест.

Бояд қайд кард, ки қонуни ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазири манзил ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардааст, ки он дар моддаи 147 КҶ ҶТ инъикоси худро ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сурати содир кардани кирдорҳои дар боло зикршуда, ки боиси вайрон намудани дахлнопазирии манзили шахс мегарданд, субъектони дахлдор тибқи талаботи моддаи 147 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мавзуи баррасишаванда ба таври кофӣ таҳлилшуда эътироф намудан мумкин нест. Инчунин, бештари паҳлуҳои ҳуқуқии вайрон намудани дахлнопазирии манзил то ҳол баҳснок боқӣ мемонанд, ки ба онҳо мафҳуми «дахлнопазирӣ» ва «манзил» дохил мешаванд. Бинобар ин, муаллиф, дар таҳқиқоти худ ба масъалаи муайян намудани мафҳуми манзил таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ки аз мубрамияти мавзуи мавриди назар далолат менамояд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил яке аз масоили мубрами рӯз буда, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро тақозо карда, ба такмили қонунгузорӣ зарурат дорад. Зеро, ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар моддаи 147 КҶ ҶТ аз соли 1998 пешбинӣ гардида, аз замони қабули қонуни ҷиноятӣ то ба ҳол вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил таҳқиқоти комплексӣ аҷом дода нашудааст ва ба таҳқиқи маҷмуӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар баробари ин, зарурати таҳлили илмӣ-назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил масъалаи рӯзмарра ва актуалӣ боқӣ мемонад, ки ба он муаллиф дар муқаддимаи рисолаи худ таъкид намудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷинояти марбут ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил масъалаҳоеро ба миён меоранд, ки ба амнияти кишвар, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолати иҷтимоӣ халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонанд.

Дар ин маъно, муқаррар кардани таркиби ҷинояти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, муайян намудани асос ва хусусияти ҷавобгарӣ, инчунин асос ва бандубасти он чораи ҳуқуқие мебошад, ки ба устуворнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Аз ҷониби муаллиф ба мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дурусту комил ишора шудааст. Муаллиф ба таври кофӣ ва қонеъкунанда дар қисмати муқаддимавии кор бо овардани нишондиҳандаҳои муайяни омори расмӣ ва иттилооти манбаъҳои дигар, асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳқиқоти мавриди назарро собит намудааст.

Гуфтаҳои дар боло матраҳшуда аз мубрам будани мавзуи интихобнамудаи муаллифи рисола дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар он ифода меёбанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» мебошад.

Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажуҳишҳои илмие ба ҳисоб меравад ва он аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида дорои аҳаммият ва арзиши хоси илмист. Дар қисмати навгонии диссертатсия 7 нуктаи илмии дорои аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд. Чунончӣ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1. м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намудани истилоҳи «касеро аз манзилаш маҳрум кардан» мувофиқи мақсад мебошад. Муаллиф, навгонии ироашударо бо он асоснок менамояд, ки ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молумулкии шахс буда, ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Ғайриқонунӣ махрум кардани шахс аз манзил бо дарназардошти мазмун аз доираи объекти ҳифзи м. 147 КҶ ҶТ берун мебарояд, зеро он на дахлнопазирии манзил, балки ҳуқуқи шахс ба моликиятро поймол мекунад. Бинобар ин, чунин кирдорҳо бояд бо дигар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз карда шавад. Диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ тағйир дода, ба он истилоҳи «ғайриқонуни кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан»-ро ворид намудан зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он, мувофиқи қонунгузории амалкунанда кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асосноки суд дар мавридҳои пешбининамудаи қонун сурат мегирад. Аз ин рӯ, навгонии пешниҳоднамудаи муаллифро дар диспозитсияи моддаи 147 КҶ ҶТ

ҷонибдорӣ менамоям. Муаллиф дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷаро вобаста «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» мавриди матраҳ қарор гирифта, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, дурнамои рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҳамчун навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб мешавад, ки ба ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ рабт дорад.

Муаллиф ҷиҳати такмил додани КҶ ҶТ ва самаранокии истифодаи он дар м. 147 КҶ ҶТ истилоҳи «манзил»-ро ба мафҳуми васеи он «истиқоматгоҳ» иваз карданро зарур мешуморад. Масъалаҳои матраҳшуда оид ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба ҷинояти мавриди омӯзиши рисола рабт доранд, асоснок карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқ ҳамчунин коркардҳои дигари вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҷиноятии такризшаванда дар миён гузошта шудаанд, ки аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Назару андешаҳои муаллиф ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз шубҳа орӣ буда, хулосаҳои дар он оварда натиҷаи таҳлили муқаррароти илмӣ-назариявӣ, таҷрибаи амалияи тафтишотиву судӣ, инчунин омори расмӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ мебошад.

Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, моҳиятан мутобиқ бо тахассуси интихобшуда таҳия ва омода шудааст. Натиҷаҳои илмии аз он бадастомада, метавонанд дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, инчунин, дар амри пешбинии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, муайян гардидани кирдорҳои алоҳидаи он ва ҳамчунин дурнамои рушди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли матраҳ гардидани суолҳои алоҳида таҳия шудааст. Суолҳои алоҳида ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар ҳамбастагӣ мазмуни ягона доранд ва дар маҷмуъ табиати ҳуқуқи ҷиноятии ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд.

Аз натиҷаи таҳлили матни диссертатсия дида мешавад, ки дар он ақидаҳои мухталифи илмӣ-назариявии олимони соҳа оварда шудаанд ва ҳамзамон онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои ҷудогона ба ғайр аз таъйиди коршиносону олимон ва муқаррароти илмӣ, инчунин бо маводи таҷрибаи амалӣ ва судӣ, нишондодҳои мушаххас аз омори расмӣ асоснок карда шудаанд. Пуррагии таҳқиқотро, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ оиди вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Муаллиф ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии моддаи 147 КҶ ҶТ диққат дода, алоқамандӣ ва дигаргунии онро бо қонунгузории ҷиноятии хориҷи кишвар муқоиса намудааст. Ҳолатҳои зикргардида аз асоснок ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии он амалан метавонанд, дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, таърихи ташаккул ва асосҳои рушду такмили он, тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ, намудҳои бандубастшавандаи ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои миллӣ истифода бурда шаванд. Бахусус, саҳми шахсии муаллиф дар шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои алоҳида ва аҳаммияти онҳо назаррас аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, аз ҷумла, омӯзиши мавзуъҳои вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мавзуъҳои алоҳидаи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд, истифода карда шаванд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз байн бурдани мухолифат дар татбиқи м. 147 КҶ ҶТ лозим медонем, ки

диспозитсияи модда дақиқ карда шавад, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил кадом кирдорҳои ҷиноятиро дар назар дорад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф оид ба номукаммал будани меъёрҳои алоҳидаи қонунгузорӣ, ки онҳо дар асоси таҳлили маълумотҳои оморӣ, амалияи тафтишотӣ ва судӣ бароварда шудаанд, барои такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, санадҳои меъёрии соҳавӣ ва санадҳои вобаста ба он, инчунин дар банақшагирии криминологӣ зоҳир мегардад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Файзиев С.А. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Дар ҳама гуна таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи ҷиноятқорӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Хубтар мебуд агар муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфтаи худ дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ омори ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил (м. 147 КҶ ҶТ)-ро меовард.
2. Муаллиф зимни навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ аз консепсия, барнома ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода набурдааст. Хубтар мебуд, ки муаллиф аз консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳо қабулгардида, аз қабили Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 аз 30 июни соли 2021, №265; Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ аз 19 феврали соли 2011, № 1021; Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, № 1005 ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, №492 дар автореферат ва диссертатсияи худ истифода мебурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф, дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки фарогири паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил мебошанд.

Ҳамчунин, муқарраротӣ асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маъруза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Файзиев С.А. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Рисолаи тақризшаванда аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам, бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати Файзиев Спитамен Абулҳақович нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Автореферат ва корҳои илмии чопшуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил нақши калидӣ хоҳанд дошт. Пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона шудаанд.

Дар маҷмуъ, Файзиев Спитамен Абулҳақович, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Муовини ректор оид ба корҳои таълими
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Зокирзода З.Х.

**Имзои Зокирзода З.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

«30» 12 2023 с.

**Суроғаи муқарриз:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт,734025, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63,**
**Тел. корӣ: (8) 313121103.**
**E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru**